**«Тасдиқ мекунам»**
ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон н.и.и., дотсент ____________ Абдуалимзода Ҳ.А.
«27» ____02________ с.2023

**ПРОТОКОЛИ №7**

Ҷаласаи Шурои олимони факултети молия ва қарзи ДДМИТ

**аз «27» ____02____ 2023** **ш. Душанбе**

**Раисикунанда:** Нурализода Амрулло Нурулло, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, декани факултети молия ва қарзӣ ДДМИТ

**Котиб:** Махшулов Саидхуҷа Ҷумъаевич., номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи фаъолияти бонкии ДДМИТ

**ИШТИРОК КАРДАНД:** *д.и.и., профессор Шарипов Б.М., н.и.и., профессор Бегматов А.А., н.и.и., д.и.и., профессор Кошонова М., н.и.и., дотсент Оймаҳмадов Г.Н., н.и.и., дотсент Давлатов Х.М., н.и.и., дотсент Муслихова Т.Т., н.и.и., дотсент Қараев Р.Х., н.и.и., дотсент Хоҷахонов А. н.и.и., дотсент Махшулов С.Ҷ., н.и.и. Сафаров А.И., н.и.и., дотсент Сафаров Қ.С., н.и.и., Хоҷаев Б.Б., н.и.и., Қосимов Ф., н.и.и. Қудратова Ф.Р. муаллими калон Зубайдов Ҷ., ассистентон Қодиров Ҷ., Абдулҳаев Ҳ., Маҷидов Н.*

*Иштирок дорони ғайри аъзо: н.и.и., дотсент Убайдов Ф.С., н.и.и., профессор Насриддинов Ф.Б., н.и.и., дотсент Убайдуллоев Ф., муаллимони калон., Махмадкаримов Х.Ш., Раҳимова А.В., Азизқулов Б., Ахмедов Х., Латипова Г.С., Ҷумаев И.К., Ҷиҳонова З.А., Аъзамова Т.Т., Мирзоев А.М.,Солиев Н.*

**РЎЗНОМАИ ҶАЛАСА:**

1. Муҳокимаи ошкорои диссертатсияи Нуров Маҳмадназар Раҷабалиевич бо хоҳиши гирифтани розигӣ дар мавзуи «Мушкилотҳои низоми бонкӣ ва роҳҳои ҳалли он дар шароити муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод гардидааст.

**Роҳбари илмӣ:** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Хайрзода Шукрулло Қурбоналӣ (ҳузур доштанд).

**Муқарризони холис:**

**Кошонова Манзура Раҳматҷоновна** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи молияи ДДМИТ

**Боймуродов Ҷовид Ҷаъфарҷонович** – номзади илмҳои иқтисодӣ, сардори шӯъбаи амалиётии ҶСП “Спитамен Бонк”.

**Шунида шуд:** Оид ба масъалаи мазкур аспирант Нуров Маҳмадназар Раҷабалиевич баромад намуда, дар бораи сохтор, мазмун ва навгониҳои илмӣ, нуктаҳои ҳимояшаванда ва масъалаҳои таҳқиқоти рисолаи номзадии ба муҳокима пешниҳодшуда маълумот дода, қайд намуд, ки дар давраи иқтисодиёти бозорӣ ва тағйирёби равандҳо ва муносибатҳои иқтисодии ҷомеаи имрӯза низоми бонкӣ ҳамчун як низоми таҳаммулпазии фишорҳои иқтисодӣ ва муҳаррики пешбарандаи рушди иқтисодиёти ҳар як давлат маҳсуб ёфта ҳамзамон ба фаъолияти ҳамарӯзаи корхонаву муассисаҳои истеҳсолию ғайриистеҳсолӣ ва ба шаҳрвандони алоҳида хизматрасонӣ менамояд. Низоми бонкӣ як сохтори марказонидашудаи бахши институҳои молиявӣ буда дар ҷаъмкуни тақсим ва аз навтақсимкунии сармояи пулӣ машғул мебошад. Ғайр аз ин Нуров М.Р дар масъалаи баррасишаванда дуруст қайд намуданд, ки таҷриба ва таҳаввулотҳои солҳои охир собит намуд, ки низоми бонкӣ ҳамчун қисми таркибӣ ва ҷудонашавандаи иқтисодиёти миллӣ маҳсуб ёфта ҳамчун омили асосии қонеъ гардонидани талабот да ҷомеаи иқтисодӣ мебошад ва тавасути мутамарказ кардани сарчашмаҳои зиёди пулӣ ва дар заминаи ин қонеъ кардани талаботҳои рузафзуни доимотағйирёбандаи сатҳи истеҳсолот ва эҳтиёҷоти тамоми қишри ҷомеа хизмат мероасонад. Пешрафти ҷомеаи иқтисодӣ дар маҷмӯъ аз ҳолати хуби устуворӣ ва иқтидори молиявию захиравии низоми бонкӣ вобастагии зиёд дорад. Бо ин мақсад ташаккул ва рушди низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳамқадами замони Истиқлолият мебошад ва он то ҳол дар зери таъсири омилҳои манфии дохилию беруна қарор дорад, ки таъмин усувори фаъолияти онҳо ҳадафи таҳқиқоти анҷомдодаи мо мебошад.

Баъди барҳам хурдани ҳукумати шӯравӣ соли 1991 дар дар баробари дигар самтҳои муҳими иқтисодии давлат дар соҳаи низоми бонкии кишвар як саҳифаи ҷадиди барқароршавии ин низомро дар шакли ҷадид оғози тоза бахшид. Дар он лаҳзаҳои душвор,ки домангири тамоми соҳаҳои иқтисодӣ буд, ба зами ин номукаммалӣ ва заифии низоми бонкӣ дар тамоми манотиқи кишвар баръало эҳсос мегардид. Дар умури низоми бонкии кишвар як қатор камбудиҳо ва норасоиҳо мавҷуд буд, ки самаранокии идоракуниро коҳиш дода суръати рушди иқтисодиро ба ҷойи пеш бурдан ҷараёнҳои онро суст менамуд. Ҳамчунин муаллиф дар доираи имкониятҳои худ диссертатсияи худ бо нишон додани масъалаҳои таҳқиқот, навгониҳои илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва хулосаҳои муфассал ибрози андеша намуданд.

Дар рафти баррасии масъала ва дар сатҳи зарурӣ таҳқиқ намудани масъала аз ҷониби иштирокчиён ба аспирант саволҳо дода шуд:

**Шарипов Б.М.:** Ташаккури зиёд, муҳтарам Нуров Маҳмадназар Раҷабалиевич барои баромади хуб ва ҳадафманд, ман ду савол доштам.

**Саволи якум.** Дар таҳқиқоти илмии худ кадом мушкилотҳои муосири бонкиро Шумо коркард ва пешниҳод намудед.

**Саволи дуюм.** Таҳқиқоти анҷомдодаи Шумо аз дигар таҳқиқотҳо чи фарқ дорад ва кори Шумо бештар ба кадом самтҳо такия менамояд.

**Нуров М.Р.:** Ташаккур, муҳтарам доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Шарипов Баҳром Маҳмудович!

**Посухи мо ба саволи якум:** Қайд кардан зарур аст, ки дар шароити имрӯза бинобар зарурияти воқеӣ доштани мавзуи таҳқиқшаванда як қатор олимону коршиносони соҳа корбарӣ намуданд. Вобаста ба ин бояд қайд намуд, ки дар мавзуи мазкур таҳқиқотчиёни ҷавон Боймуродов Ҷ., Сафаров Қ.С., дар доираи ин мавзу корбарӣ намуданд, ки пояи воқеии онро бевосита мушкилотҳои низоми бонкӣ ташкил медиҳад. Дар тақиқоти анҷомдодаи мо бошад, бештар ба мушкилотҳои воқеиие, ки айни замон низоми бонкӣ рӯ ба рӯст аҳамияти аввалиндараҷа дода шудааст.

**Посухи мо ба саволи дуюм:** Вобаста ба саволи мазкур ҳаминро қайд кардан зарур аст, ки дар шароити имрӯза бо таъсири омилҳои берунеа ва заифии хадамоти дохилии фаъолияти бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ як қатор мушкилотҳо ба монандӣ; норасоии захираҳои дарозмуддат, камчинии сандуқи асъори хориҷӣ баланд шудани хавф дар амалиёти қарзӣ ва пардохтпазирӣ инҳо мушкилотҳои замони имрӯз мебошанед.

**Хоҷаев Б.Б:** Ташаккури зиёд, муҳтарам Нуров Маҳмадназар Раҷабалиевич, ман се савол доштам.

**Саволи якум.** Сифати сандуқи қарзиро ҳамчун мушкилоти низоми бонкӣ мисол овардед барои ин мушкилӣ чи пешниҳодҳо доред?

**Саволи дуюм.** Ҳиссаи даромади ғайрифоизи таҳлил гузаронидааст ё не?

**Саволи сеюм.** Яке аз мушкилотҳои асосӣ ин долларизатсия мебошад сатҳи паст кардани хавфи ҳамин мушкилотро чи хел бартараф кардан лозим аст?

**Нуров М.Р:** Ташаккур, муҳтарам номзади илмҳои иқтисодӣ Хоҷаев Бахтиёр Бобораҷабович!

**Посухи мо ба саволи якум:** Дар ҳақиқат таҷриба солҳои охир дар

низоми бонкӣ махсусан дар сатҳи сандуқи қарзии низоми бонкӣ собит намуд, ки дар ин сандуқ сатҳи хавҳо ба маротиб тамоили зиёдшавӣ доранд. Махсусан солҳои 2016-2017 ба низоми бонкӣ собит намуд, ки бояд дар ин масъала ҳушёр бошанд. Аз ин лиҳоз зарур аст, ки бонкҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ пеш аз ҳама диверсификатсияи қарздиҳии соҳавӣ ва бо пули миллӣ бештар кардани қарздиҳиро ба роҳ монанд ба макнфиати кор мебошад.

**Посухи мо ба саволи дуюм:** Албатта аз сатҳи даромаднокии низоми бонкӣ пай бурдан мумкин аст, ки қисми зиёди ҳаққи хизматрасониҳои бонкӣ ва амалиётҳои он бо фоиз ҳисоб карда мешавад ва аз ин зиҳоз зиёда аз 50%-и даромади бонкҳои тиҷоратиро даромадҳои фоизӣ ташкил медиҳанд. Дар таҳқиқоти анҷомдодаи мо масъалаи дароади фоизӣ масъалаи асосӣ нест.

**Посухи мо ба саволи сеюм:** Вобаста ба саволи сеюм ҳаминро қайд кардан зарур аст, ки мушкилотҳои ҷиддие, ки дар соҳои охир махсусан баъ аз соли 2015 ба миён оад ин масъалаи норасоии асъори хориҷӣ дар иқтисодиёти кишвар буд, ки як қатор мушкилотҳоро ба миён овард. Аз ин лиҳоз ин ба паст шудани сифати сандуқи қарзии бонкҳо ва як қатор мушкилотҳои дигар боис гардид. Аз ҳамин лиҳоз зарурияти беҳтар намудани ин масъала бо роҳи паст намудани доларикунонии сандуқи қарзӣ ва дигар масъалаҳои ба ин вобаста пеш омад.

**Бегматов А.А.:** Ташаккури зиёд, муҳтарам Нуров Маҳмадназар Раҷабалиевич, ман як савол доштам.

**Саволи якум.** Дар тулли Истиқлолият низоми бонкӣ бо кадом навъи мушкилотҳо ру ба ру гардид?

**Нуров М.Р:** Ташаккур, муҳтарам нолмзади илмҳои иқтисодӣ, профессор Бегматов Ашурбой Аҳтамович!

**Посухи мо ба саволи якум:** Вобаста ба саволи мазкур ҳаминро қайд кардан зарур аст, ки новобаста аз оне, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба даст овард ва самтҳои фаъолияти низоми бонкии худро мустақилона пеш гирифт. Низоми бонкӣ ба як қатор мушкилотҳо рӯ ба рӯ гарди, ки аоситарини онҳоро бӯҳрони сиёсӣ, бӯҳрони молиявию иқтисодӣ ва баъ аз соли 2015 бӯҳрони эътимод домангир мебошад.

**Кошонова М.Р:** Ташаккури зиёд, муҳтарам Нуров Маҳмадназар Раҷабалиевич, ман ду савол доштам.

**Саволи якум.** Кадом омилҳо ба рушди низоми бонкӣ таъсири манфӣ мерасонад?

**Саволи дуюм.** Кадом роҳҳои ҳалли мушкилотҳои ҷойдоштаро дар низоми бонкӣ дида баромадед?

**Нуров М.Р:** Ташаккур, муҳтарам доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Қандиёрова Кошонова Манзура Раҳматҷоновна!

**Посухи мо ба саволи якум:** Дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳама омилҳои таъсиррасон ба сатҳи усутвории низоми бонкӣ ва афзоиш додани мушкилотҳои он бештар омилҳои умумииқтисодӣ, таваррум, бухронҳо ва баътар хадамоти идоракунии кадрӣ ва захираҳои бонкӣ ташкил медиҳад. Ҳамзамон қайд карда зарур аст, ки дигар мушкилотҳое, ки ба низоми бонкӣ таъмир расонд сатҳи пасти захираҳо ва пардохтпазирии нокифояи онҳо буд.

**Посухи мо ба саволи дуюм:** Чи тавре, ки мо дар параграфҳои алоҳидаи диссертасия таҳқиқот анҷом додем дар идомаи он низ масъалаҳои асоии ҳалли мушкилотҳоро, ки аз пурзур намудани захираҳои пулӣ, идоракунии дурусти захираҳои пулӣ ва ба кор ҷалб намудани кадрҳои баландихтисос ва монанди инҳоро мавриди таҳқиқ қарор додем.

**Махшулов С.Ҷ.:** Ташаккури зиёд, муҳтарам Нуров Маҳмадназар Раҷабалиевич, ман як савол доштам.

**Саволи якум.** Сабабҳои асосии муфлисшавии як қатор бонкҳо ва ташкилотҳои қарзӣ дар чи буд?

**Нуров М.Р:** Ташаккур, муҳтарам номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Махшулов Саидхуҷа Ҷумъаевич!

**Посухи мо ба саволи якум:** чи тавре, ки мушоҳидаҳо дар солҳои охир нишон дод сабаби асосии муфлисшавии як қатор бонку ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ, пеш аз ҳама надоштани захираҳои пулии кофӣ, кам будани дараҷаи пардохтпазирии онҳ ба самҳои хатарашон баланд пешниҳод намудани маблағҳои қарзӣ, ба кор қабул намудани шахсони тасодуфӣ ва монандӣ инҳоро дар бар мегирад.

Баъдан роҳбари илмии унвонҷӯ д.и.и., профессор Хайрзода Шукрулло Қурбоналӣ тақризи ба рисолаи диссертатсионии Нуров Маҳмадназар Раҷабалиевич навиштаи худро ироа намуда, рисолаи мазкурро ҳамчун кори анҷомёфта ба ҳимоя тавсия дод.

Сипас муқарризон Кошонова М.Р. - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва Боймуродов Ҷ.Ҷ.- номзади илмҳои иқтисодӣ, баромад намуда, рисоларо ҳамчун кори анҷомёфта ба ҳимоя тавсия доданд (тақризҳо замима мегарданд).

Дар муҳокимаи диссертатсияи мазкур ба ҳайси мукарризони ғайрирасмӣ, н.и.и., профессор Бегматов А.А., н.и.и., дотсент Оймаҳмадов

Г.Н., н.и.и., дотсент Махшулов С.Ҷ., н.и.и., Хоҷаев Б.Б., н.и.и., дотсент Давлатов Х.М. баромад намуданд.

Баромадкунандагон дар рафти муҳокимаи диссертатсия муҳиммияти мавзӯи таҳқиқотро қайд карда, саҳми аспирантро дар тадқиқоту баррасии масъалаҳои назариявӣ ва амалии мавзӯи мазкур муҳим арзёбӣ намуданд ва аспирант оиди мукаммалгардонии баъзи қисматҳои диссертатсия тавсияҳои мушаххас доданд.

Қайд карда шуд, ки Нуров Маҳмадназар Раҷабалиевич муҳаққиқи ҷавони кордон, боинтизом ва пурмасъул буда, муаллифи чандин таълифоти илмӣ, иштирокчии як қатор конференсия ва семинарҳои илмӣ-амалӣ ва назариявии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва дохилидонишгоҳӣ мебошад.

Дар доираи мавзӯъ муқарризони расмӣ ва ғайрирасмӣ эродҳо ва андешаҳоеро изҳор доштанд, ки ба мушаххасу возеҳтар баён намудани нуқтаҳои алоҳидаи диссертатсия, нисбатан муфассал шарҳ додани ҷанбаҳое, ки муаммоҳои низоми бонкиро дар шароити имрӯза афзоиш мекдиҳад бо тамоми ҷузъиётҳои он инъикос менамояд муҳим арзёбӣ намуда роҳҳои пешгирӣ намудани мушкилотҳои бамиёномадаро арзёбӣ намудааст. Ғайр аз ин саҳми назарраси таҳқиқоти анҷомгардидаро дар ҳалли муаммоҳои низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим баён намуда, доир ба арзёбии самаранокии мавзуи таҳқиқшаванда, нигаронида шудаанд.

Нуров Маҳмадназар Раҷабалиевич ба эродҳои муқарризони расмӣ ва ғайрирасмӣ ҷавобу шарҳҳои муфассал дод. Сипас лоиҳаи хулосаи факултети молия ва қарз, ки дар асоси баромади муқарризон ва дигар баромадкунандагон омода карда шудааст, шунида шуд.

Пас аз шунидан ва муҳокимаи диссертатсияи Нуров Маҳмадназар Раҷабалиевич бо хоҳиши гирифтани розигӣ дар мавзуи «Такмили механизми устувории низоми бонкии Тоҷикистон дар шароити муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.07 – Молия, гардиши пул ва қарз пешкаш гардидааст, (роҳбари илмӣ –доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Хайрзода Шукрулло Қурбоналӣ, дар асоси тақризҳои муқарризони холис: доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Кошонова М.Р ва номзади илмҳои иқтисодӣ, Боймуродов Ҷ.Ҷ. инчунин, баромади муқарризони ғайрирасмӣ.

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРДА ШУД**

1. Диссертатсияи Нуров Маҳмадназар Раҷабалиевич дар мавзуи “Такмили механизми устувории низоми бонкии Тоҷикистон дар шароити муосир” ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пул ва қарз ба талаботи тартиби

додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021,№267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

2. Корҳои чопшуда мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос мекунанд.

3. Диссертатсияи Нуров Маҳмадназар Раҷабалиевич дар мавзуи "Такмили механизми устувории низоми бонкии Тоҷикистон дар шароити муосир" ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пул ва қарз барои пешниҳоди рисолаи илмӣ ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия иҷозат дода шавад;

Қарор дар маҷлиси Шурои олимони факултети молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, Протоколи № 7 аз "27" 02 соли 2023 қабул гардидааст.

Дар маҷлис иштирок доштанд: 22 нафар. Натиҷаи овоздиҳии кушод: "тарафдор"-22 нафар; "зид" – нест; "бетараф" – нест.

**Раиси маҷлис**
декани факултети молия ва қарз,
н.и.и., дотсент — Нурализода А.Н.

**Котиби илмӣ**
н.и.и., дотсент — Махшулов С.Ҷ.

**Муқарриз,**
Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори
кафедраи молияи ДДМИТ — Кошонова М.Р.

**Мукарриз,**
Номзади илмҳои иқтисодӣ
сардори шӯъбаи амалиётии
ҶСП "Спитамен Бонк" — Боймуродов Ҷ.Ҷ.

Дурустии имзоҳои А.Н.Нурализода, С.Ҷ Махшулов
ва М.Р. Кошоноваро тасдиқ мекунам

Сардори шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсус, н.и.х. — Шарипов У.А.

Имзои Боймуродов Ҷ.Ҷ.- ро тасдиқ менамоям:
Сардори Департаменти кадрҳо
ҶСП "Спитамен Бонк" — Мирзоева Л.